# ФАРМОИШ

«Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал «Оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз бизнеси бозӣ», шаклҳои эъломия, ариза ва шаҳодатнома оид ба бақайдгирии объекти (объектҳои) андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ»

Мутобиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 308 ва қисми 5 моддаи 311 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал «Оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз бизнеси бозӣ», инчунин шакли эъломия бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).
2. Шаклҳои ариза ва шаҳодатнома оид ба бақайдгирии объекти (объектҳои) андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 3 ва 4).
3. Дастурамал, шаклҳои эъломия, ариза ва шаҳодатномаи мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шаванд.
4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамал, шаклҳои эъломия, ариза ва шаҳодатномаи мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани онҳо чораҷӯӣ намояд.
5. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
6. Зербанди ж) банди 1 Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2012, №15-Ф «Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои эъломияҳо ва ҳисобҳои андоз», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2012, таҳти №546 «б» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, хориҷ карда шавад.
7. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис Юсупов П.С. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатов